МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 227/2с
аз «24» 12 соли 2021

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавзӯъ: оид ба гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 ноябри соли 2021 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Муҳлати машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур 27 декабри соли 2021 ба итмом мерасад.

Аз ин рӯ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки бо дарназардошти натиҷаҳои машваратҳои оммавӣ, лоиҳаи ниҳоии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкуниро дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намуда, ҳамзамон онҳоро ба суроғаи Маркази миллии қонунгузорӣ ҷиҳати омода намудани хулоса пешниҳод намоед.

Бо эҳтиром,
Директор — Саидзода И.Ҳ.